

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№28 (4924)

ДУШАНБЕ,
3 МАРТИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj




## ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

### дар интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ

**2-юми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ба участкаи интихоботии №15, ҳавзаи интихоботии №23-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ташриф оварданд.**

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар участкаи интихоботии №15 дар асоси талаботи қонунгузории кишвар дар ҳузури мушоҳидони байналмилалӣ, намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ ва воситаҳои ахбори оммаи дохиливу хориҷӣ ба ҷонибдории номзадҳо ва ҳизби сиёсии арзанда ба хотири пешрафту шукуфоии боз ҳам афзуни Тоҷикистони соҳибистиқлол овоз доданд.

Дар интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ сокинони маҳаллаи Маҳмадулло Холови ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, ки участкаи интихоботии №15 дар ҳудуди он ҷойгир аст, чун дигар сокинони кишвар бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва ифтихор аз давлату давлатдорӣ иштирок намуданд.

Тавре мушоҳида гардид, интихобот дар ҳамаи гӯшаву канори кишвари азизамон дар фазои орому осуда ва суботи сиёсию иҷтимоӣ ҷараён гирифта, мардум озодона ба ҷонибдории номзадҳо ва ҳизбҳои хостаи худ овоз доданд.



## РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ДАР УЧАСТКАИ ИНТИХОБОТИИ №15-И НОҲИЯИ ИСМОИЛИ СОМОНИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ ОВОЗ ДОДАНД

**Субҳи дуюми марти соли 2025 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои иштирок дар интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ба участкаи интихоботии №15, ҳавзаи интихоботии №2-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ташриф оварданд.**

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо дар баробари дигар сокинони мамлакат бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва ифтихор аз давлату давлатдорӣ фаъолона иштирок намуда, ба тарафдории номзадҳои арзанда овоз доданд.

Ба иттилои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкил ва гузаронидани интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 41 ҳавзаи якмандатии интихобот ва 3513 участкаи интихоботӣ таъсис дода шудааст.

229 нафар мушоҳидони байналмилалӣ аз ташкилоти гуногуни байналмилалӣ интихоботро назорат намуданд. Илова бар ин, интихоботро 203 нафар намояндагони воситаҳои ахбори оммаи маҳаллӣ ва хориҷӣ инъикос карданд.

## МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**28-уми феврали соли 2025 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он нахуст дар бораи «Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044» гузориши вазири маориф ва илми Тоҷикистон Раҳим Саидзода шунида шуд.

Таъкид гардид, ки стратегияи миллӣ ба такмили раванди таълим равона шуда, ба таъмини сифати таҳсилот мусоидат мекунад ва барои иштирок дар арзёбии байналмилалии сифати таҳсилот замина мегузорад. Сифати таҳсилот, бо дарназардошти таъмини шароити мусоид барои таълиму тарбия, иқтидори кадрӣ, адабиёти таълимии ба қобилияти зеҳнию физиологии тарбиятгирандагону хонандагон мутобиқ, воситаҳои таълимӣ, маводи методию аёнӣ, инчунин, азхудкунии барномаҳои таълимию тарбиявии мувофиқ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот мавриди арзёбӣ қарор мегирад.

Сарвари давлат супориш доданд, ки Вазорати маориф ва илм, идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои амалисозии стратегияи мазкур ва бартараф намудани камбудиҳои ҷиддии соҳа тадбирҳои мушаххас андешида, ҳамасола то 1 феврал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот диҳанд.

Сипас, лоиҳаи «Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи таъсиси парки саноатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ ва қабул шуд.

Дар идомаи маҷлис «Барномаи солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани урандор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030» ва «Барномаи омӯзиши касбӣ ва бо кор таъмин намудани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда барои солҳои 2025-2030» муҳокима гардид. Гуфта шуд, ки мақсад аз таҳияи «Барномаи солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани урандор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030» идома додани корҳои зарурӣ, муайян намудани иншооти зарардида ва пурра безарар ва солим гардонидани мавзеъҳои аз истеҳсолоти коркарди уран зиёндида дар ҷумҳурӣ мебошад.

«Барномаи омӯзиши касбӣ ва бо кор таъмин намудани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда барои солҳои 2025-2030» бошад, бо мақсади фароҳам овардани шароит ва муҳайё намудани имконият барои ба касбомӯзию шуғл фаро гирифтани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда таҳия гардидааст.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иҷрои босамар ва татбиқи амалии нақшаву барномаҳои номбурда ба вазорату идораҳои дахлдор дастуру супоришҳо доданд.

Дар фароварди маҷлис Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба рушди бахшҳои гуногуни соҳаи саноат, аз ҷумла саноати кӯҳӣ, нассоҷӣ, афзун намудани коркарди ватании канданиҳои фоиданок ва маҳсулоти кишоварзӣ, бо роҳи зиёд кардани иқтидорҳои иловагии тавлиди неруи барқ, бахусус аз манбаъҳои неруи «сабз» таъмин намудани истиқлоли энергетикӣ, ба масъулин супоришҳои мушаххас доданд.

Ҳамчунин, вобаста ба иҷрои масъалаҳои маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастурҳои қаблии Роҳбари давлат, амалисозии нишондодҳои Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ, омодагии ҳамаҷониба ба истиқболи сазовори Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дастуру супоришҳо дода шуд.

**www.prezident.tj**

## ПАЁМИ

### Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муносибати фаро расидани моҳи шарифи Рамазон

**28-уми феврали соли 2025, шаҳри Душанбе**



**Ҳамдиёрони азиз!**
**Сокинони муҳтарами пойтахт!**

Фаро расии моҳи шарифи Рамазонро, ки имсол аз 1 март оғоз мегардад, ба кулли ҳамватанонамон табрик мегӯям.

Боиси хушбахтист, ки ҳамасола шаҳрвандони кишвар дар фазои орому осуда, бо ҳисси шукргузорӣ аз амну субот ин рукни муҳими дини мубини исломро ба ҷо меоранд.

Мардуми шарифи Тоҷикистон дар ин айёми муборак дар баробари риоя ва эҳтироми анъанаҳои динӣ, инчунин, арзишҳои волои инсондӯстӣ, сабру қаноат ва меҳрубониву некхоҳӣ ба ҳамдигарро амалӣ менамоянд.

Эҳтирому ғамхорӣ нисбат ба волидайн, аёдати пирону беморон, дастгирии ятимону маъюбон ва оилаҳои камбизоату ниёзманд аз хислатҳои наҷиби моҳи Рамазон ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, дар шароити имрӯзаи мураккаби ҷаҳонишавӣ мо бояд худро аз хатарҳои гуногуни фаромиллӣ, аз ҷумла мафкуравӣ, ҳифз намоем, ба зиёдравию исрофкорӣ роҳ надиҳем.

Мардуми кишвар бояд бо эҳсоси муҳаббат ва азму садоқат ба меҳани хеш баҳри ободиву шукуфоии Ватани маҳбубамон заҳмат кашида, дар корҳои бунёдкориву созандагӣ фаъолона саҳмгузор бошанд.

Бори дигар фаро расии моҳи шарифи Рамазонро ба кулли мардуми сарбаланди кишвар муборакбод гуфта, ба ҳар як хонадон фаровонӣ, осудаҳолӣ ва ба Ватани азизамон суботу оромиро орзу менамоям.

**Моҳи шарифи Рамазон муборак, ҳамватанони азиз!**

# ҲАЙАТИ ПАРЛУМОНӢ БА ЖЕНЕВА РАФТ



**Якуми марти соли 2025 даъвати Раиси Парламенти байналмилалӣ оид ба таҳаммулпазирӣ ва сулҳ Суос Яра ва Президенти Шурои ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ ва сулҳ Аҳмад ибн Муҳаммад Ал-Ҷарвонро пазируфта, барои иштирок дар 12-умин ҷаласаи умумии Парламенти байналмилалӣ оид ба таҳаммулпазирӣ ва сулҳ ҳайати парламентии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ба шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария сафар намуд.**

Ёдовар мешавем, ки Шурои ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ ва сулҳ як созмони байналмилалӣ аст, ки бо такя ба усулҳои демократия, баробарӣ, бародарӣ ва эҳтироми фарҳангу эътиқоди қавму миллатҳои гуногун фаъолияти худро бар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳо пеш мебарад.

Ҳадафи асосии шуро ноил шудан ба сулҳи ҳақиқӣ ва пойдор барои тамоми башарият тавассути паҳн кардани фарҳанги таҳаммулпазирӣ дар байни кишварҳо мебошад.

# МАҲМАДАЛӢ ВАТАНЗОДА БО МУШОҲИДОНИ ИДМ МУЛОҚОТ НАМУД

**Якуми марти соли 2025 муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода бо ҳайати мушоҳидони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки барои мушоҳидаи ҷараёни интихоботи парламентии Ҷумҳурии Тоҷикистон омада буданд, мулоқот намуд.**



Зимни мулоқот таъкид гардид, ки Маҷлиси намояндагон дар давоми фаъолияти бисту панҷсолаи худ дурустӣ, саривақтӣ ва ба талаботи давру замон мутобиқ будани таъсиси парламенти касбиро собит намуд. Фаъолияти Маҷлиси намояндагон яке аз омилҳои муҳими эъмори ҷомеаи дунявию демократӣ ва ҳуқуқбунёду ягона ба шумор рафтани қонун ва волоияти онро нишон дод.

- Маҷлиси намояндагон ҳамчун мақоми олии қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон узви фаъоли Ассамблеяи парламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ассамблеяи парламентии Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, Иттиҳоди байнипарламентии ҷаҳон, Иттиҳоди парламентҳои Осиё барои сулҳ ва Ассамблеяи парламентии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мебошад. Ҷиҳати тақвият ва рушди муносибатҳо бо ин созмонҳои бонуфузи ҷаҳон гурӯҳҳои миллии парламентии Маҷлиси намояндагон таъсис ва ҳамкориҳои судманд ба роҳ монда шудаанд, - гуфт М. Ватанзода.

Таъкид гардид, ки интихоботи навбатии парламентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоботи ҳафтуми парламентӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шумор меравад. Ба 63 курсии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 220 нафар номзад ва шаш ҳизби сиёсии кишвар довталаб ҳастанд.

Мувофиқи иттилои тозатарин, барои кор дар интихобот 229 мушоҳиди байналмилалӣ аз Ассамблеяи парламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, инчунин, мушоҳидон аз Россия, Чин, Беларус, Туркия, Озарбойҷон, Гурҷистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон номнавис шудаанд. Ҷараёни интихоботро беш аз 200 журналисти дохилию хориҷӣ инъикос хоҳад намуд.

- Тоҷикистон ба интихобот пурра омода аст. Барои баргузории интихобот ҳамаи шароит муҳайё мебошад. Мутмаинам, ки мардуми шарифи Тоҷикистон бо сарварии Пешвои муаззами хеш ба Маҷлиси намояндагон афроди шоистатаринро интихоб хоҳад кард, - афзуд М. Ватанзода.

Дар фарҷоми мулоқот ҳайати мушоҳидони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз толорҳои бинои нави парлумони Тоҷикистон дидан намуданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ**

Интихоботи вакилони халқ - 2025



# НАТИҶАҲОИ ПЕШАКӢ ЭЪЛОН ШУД

**Сеюми марти соли 2025 дар шаҳри Душанбе Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои пешакии интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки 2 март баргузор гардид, эълон намуд.**

Тавре раиси КМИР Бахтиёр Худоёрзода дар брифинг бо иштироки намояндагони ҳизбҳо, мушоҳидони байналмилалӣ ва воситаҳои ахбори омма изҳор дошт, дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихоботӣ аз рӯи рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ ба тарафдории Ҳизби аграрии Тоҷикистон 986 ҳазору 887 нафар ё 21 фоиз, ба тарафдории Ҳизби демократи Тоҷикистон 237 ҳазору 563 нафар ё 5,1 фоиз, ба тарафтории Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон 595 ҳазору 281 нафар ё 12,7 фоиз, ба тарафдории Ҳизби коммунистии Тоҷикистон 89 ҳазору 738 нафар ё 1,9 фоиз, ба тарафдории Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон 248 ҳазору 64 нафар ё 5,3 фоиз ва ба тарафдории Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон 2 миллиону 435 ҳазору 541 нафар ё 51,9 фоиз овоз додаанд.

Шумораи интихобкунандагоне, ки ба муқобили рӯйхати ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ овоз додаанд, 50 ҳазору 895 нафар ё 1,1 фоизро ташкил медиҳад.

Тибқи муқаррароти қонунгузории Тоҷикистон дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намуд, ки ҳизбҳои сиёсие, ки ба тарафдории онҳо 5 фоиз ва зиёда аз он интихобкунандагони дар интихобот иштироканамуда овоз додаанд, миқдори зерини мандати вакилиро соҳиб шуданд:

Ҳизби аграрии Тоҷикистон - 5 мандати вакилӣ, Ҳизби демократи Тоҷикистон - 1 мандати вакилӣ, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон - 3 мандати вакилӣ, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон - 1 мандати вакилӣ ва Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон - 12 мандати вакилӣ.

Иттилоъ дода шуд, ки дар маҷмуъ, 4 миллиону 712 ҳазору 967 нафар интихобкунандагон дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ иштирок намуданд, ки 85,3 фоизи шумораи умумии интихобкунандагонро ташкил медиҳад.

Бино ба гуфти Бахтиёр Худоёрзода, дар натиҷаи интихоботи баргузоргардида аз ҳизбҳои сиёсии дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ иштироканамуда аз рӯйхати номзадҳо ва ҳавзаҳои якмандатии интихоботӣ, дар маҷмуъ, намояндагони шаш ҳизби сиёсӣ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд.

Зикр гардид, ки интихобот ошкорою шаффоф, ба таври озод ва дар асоси алтернативӣ баргузор гардида, дар он аксари интихобкунандагон бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ иштирок намуданд.

**«Садои мардум»**

# ИНТИХОБИ НОМЗАДҲОИ АРЗАНДА

## БО РУҲИЯИ ИДОНА ВА МАСЪУЛИЯТИ БАЛАНДИ ШАҲРВАНДӢ

**Субҳи барвақти 2-юми марти соли равон дар ҳамаи участкаҳои интихоботии ҳудуди ҳавзаи якмандатаи интихоботии Фирдавсӣ №1 интихоби вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе ва Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Фирдавсӣ ба садо додани Суруди Миллӣ оғоз ёфт. Сокинони ноҳия бо дарки масъулияти баланд ба хотири рушду ободии фардои саодатманди мамлакат ба участкаҳои интихоботӣ ҳозир шуда, ба ҷонибдории номзадҳои арзанда ва ҳизбҳои сиёсӣ раъй медоданд.**

Котиби комиссияи ҳавза Раҳима Амонуллозода иброз намуд, ки дар ҳавзаи интихоботии мазкур 62 участка, аз ҷумла 58 участкаи ноҳиявӣ ва 4 участкаи пӯшида, фаъолият мекунад. Дар давраи омодагӣ ба интихобот бо иштироки раисон, котибон ва аъзои комиссияҳои интихоботӣ 3 семинар, аз ҷумла 1 семинар бо намояндагони Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ гузаронида шуд. Инчунин, дар ҳар як участкаи интихоботӣ бо номзад ба вакилон вохӯриҳо баргузор гардиданд.

Дар участкаи интихоботии №5-и ҳавза корҳои омодагӣ ба интихобот дар сатҳи баланд гузаронида шуд. Натиҷаи сатҳи баланди омодагӣ аз фаъол будани интихобкунандагон ва руҳияи баланди онҳо маълум буд. Ризокорон ҳанӯз аз саҳни бинои «Тоҷикстандарт», ки участкаи интихоботӣ дар он воқеъ буд, интихобкунандагонро пешвоз гирифта, мувофиқи рақами даъватномаашон ба назди масъулони комиссияи интихоботӣ роҳнамоӣ мекарданд. Барои онҳое, ки бо кӯдакони хурдсол меомаданд, «Хонаи модару кӯдак» бо шароити мусоид дар ихтиёрашон гузошта шуда буд. Инчунин, дар ҳуҷраи тиббӣ хоҳарони шафқат бо дорую давоҳои зарурӣ омодаи хизмат буданд. Ба шаҳрвандоне, ки бори аввал овоз медоданд, гулдастаҳои тару тоза тақдим карда шуд.

Раиси участкаи интихоботии мазкур Суҳроб Шерализода бо қаноатмандӣ аз иштироки фаъолонаи интихобкунандагон изҳор дошт, ки «мо тамоми имкониятҳоро истифода бурдем, то ки интихобот шаффоф ва бе ягон вайронкунии қонунҳои амалкунанда ҷараён бигирад».

Як гурӯҳ нозирони байналмилалӣ аз ИДМ бо роҳбарии Елена Румянтсева ба участкаи интихоботии №5 ташриф оварда, бо хушҳолӣ изҳор намуданд, ки интихобот дар ин ҷо бо руҳияи идона гузашта истодааст.

- Меҳри иштирок кардан дар интихобот аз кӯдакӣ дар дилам ҷой гирифтааст. Ман дар ноҳияи дурдаст мезистам ва рӯзи интихобот либоси нав пӯшида, бо як шавқи беандоза ҳамроҳи волидонам ба интихобот мерафтам. Имрӯз дар участкаи интихоботии №5 масъулон бо як маданияти баланд интихобкунандагонро истиқбол намуда, дар муддати кӯтоҳ ба қайд гирифтанд ва мо бароиояндаи дурахшону саодатманди мамлакат ба ҳизбу номзадҳои арзанда овоз додем. Ман ба ҳамаи вакилони интихобшуда барору комёбиҳо хоҳонам. Таманнои онро дорам, ки Тоҷикистон гулгулшукуфон ва мардуми кишвар доимо тинҷу осуда бошад, - иброз намуд Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Саодат Азизова.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Равшани Махсумзод изҳор дошт, ки «интихобот маъракаи муҳими сиёсӣ ба шумор меравад. Шаҳрвандон бо ширкат варзидан дар интихобот дар интихоби номзадҳои арзанда ва ҳамзамон, қабули қарорҳои муҳим бароиояндаи кишвар саҳм мегузоранд. Вақте мо вакилони шоистаро интихоб мекунем, онҳо қонуну қарорҳоеро қабул мекунанд, ки ба нафъи ҷомеа бошанд. Аз ин рӯ, бояд ҳар шаҳрванди кишвар ҷиҳати иштирок дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ масъулияти баланд эҳсос кунад. Ҳар касе, ки дар интихобот ширкат меварзад, ҳам ба нафъи худаш ва ҳам бароиояндаи неки ҷумҳурӣ нақш мегузорад».

Ҳамин гуна руҳияи баланди интихобкунандагонро, инчунин, дар участкаҳои интихоботии №№3, 4 ва дигар участкаҳои интихоботии ҳавзаи якмандатии интихоботии Фирдавсӣ №1 мушоҳида намудем.

Дар маҷмуъ, сокинони ноҳияи Фирдавсӣ дар ин чорабинии муҳими сиёсӣ бо масъулияти баланди шаҳрвандӣ иштирок намуда, ба ҷонибдории ҳизб ва номзадҳои арзандаашон овоз доданд.

**С. СУННАТӢ, «Садои мардум»**



**Дуюми марти соли равон дар 68 участкаи интихоботии ҳавзаи ҳудудии якмандатаи интихоботии Сино №4 фазои идона ҳукмфармо буд. Сокинон бо табъи болида ба участкаҳои интихоботӣ ворид шуда, ба ҳизб ва номзади арзанда овоз медоданд. Садои мусиқӣ ва сурудҳои ватандӯстона саҳни участкаҳои интихоботиро ба идгоҳ табдил дода буд.**

Бино ба гуфти раиси ҳавза Муҳибулло Зувайдуллозода, дар ҳавзаи интихоботии мазкур 150068 нафар интихобкунанда ба қайд гирифта шудааст, ки 5863 нафари онҳо бори аввал дар чунин маъракаи сиёсӣ иштирок мекунад. Номбурда иттилоъ дод, ки то соати 12 аллакай 81 ҳазор нафар ба участкаҳои интихоботӣ омада, ба ҳизб ва номзади арзанда овоз доданд, ки 54 дарсадро ташкил медиҳад.

Ҳангоме, ки мо дар участкаҳои интихоботии ҳавзаи мазкур ҳузур доштем, наздик ба нисфи интихобкунандагон, масалан, то соати 12 аллакай 45,3 дарсади интихобкунандагони участкаи интихоботии №20, участкаи интихоботии №19 – 38, участкаи интихоботии №13 – 37 ва участкаи интихоботии №12-ум 36,5 дарсад овоз дода буданд.

Тавре аз суҳбат бо масъулини участкаҳои интихоботӣ ва мушоҳидаи инфиродӣ маълум шуд, барои дар сатҳи баланд баргузор шудани интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ тадбирандешиҳои зиёд сурат гирифта, ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ бо шароити лозима таъмин шуданд. Аз ҷумла, ташкили қуттиҳои сайёр барои овоз додани нафароне, ки ба участкаи интихоботӣ омада наметавонанд, хонаи модару кӯдак ва дигар шароити лозима имкон фароҳам овард, ки шаҳрвандон бо руҳияи болида дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ иштирок намуданд.

**Ш. АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

**Бо шукргузорӣ аз фазои орому осудаи мамлакат 2 юми март сокинони шарафманди вилояти Хатлон дар қатори дигар шаҳрвандони Тоҷикистони азиз бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ аз субҳи барвақт ба участкаҳои интихоботии маҳалли зист ҳозир шуда, дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ фаъолона иштирок намуданд.**

Тибқи иттилои масъулон, интихобот дар фазои озоду шаффоф ва риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон сурат гирифта, сокинон бо як дилгармӣ дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ иштирок намуданд.

Бино ба иттилои раиси комиссияи вилоятӣ оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон Қурбоналӣ Қурбонзода, то соати $16^{00}$ аллакай 79,2 фоизи интихобкунандаҳои ҳудуди вилоят раъйи хешро доданд.

«Дар 69 ҳавзаи интихоботӣ 207 нафар ҳамчун номзад ба вакилӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз инҳо 57 нафарашон зан мебошанд. Номзадии 80 кас бо баргузории конференсияҳои ҳизбӣ ва аз 128 нафари дигар ба тариқи худпешбар муайян шуда буд», - афзуд ӯ.

Номбурда, ҳамчунин, гуфт, ки дар ҳудуди вилоят 14 ҳавзаи якмандатӣ, 69 ҳавзаи вилоятӣ, 944 ҳавзаи шаҳрию ноҳиявӣ, 3884 ҳавзаи ҷамоатҳо ва 1114 участкаи интихоботӣ ба қайд гирифта шуда, дар онҳо овоздиҳии интихобкунандагон дар сатҳи хуб баргузор гардид.

Шумораи умумии интихобкунандагон дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 1 миллиону 837 ҳазору 442 нафар ҳисоб шудааст, ки аз ин шумора 80 ҳазори онҳо бори аввал овоз медиҳанд.

Раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид ба участкаи интихоботии №1-и шаҳри Бохтар, воқеъ дар бинои Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонов, ташриф оварда, ба ҷонибдории ҳизб ва номзади арзанда овоз дод.

**С. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**



**Дар участкаҳои овоздиҳии ҳавзаи интихоботии Ҳисор №7 маъракаи интихоби вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ муташаккилона, шаффоф ва бо руҳияи баланди идона сурат гирифт. Мардум бо руҳбаландии том бо назардошти манфиатҳои умумимиллӣ масъулиятшиносона ба номзадҳои арзанда овоз доданд.**

Тавре раиси ҳавза Илҳомиддин Буриев иброз дошт, дар 105 участкаи интихоботии шаҳри Ҳисор бо фарогирии 153 378 интихобкунанда интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дар сатҳи баланд, бо риояи талаботи қонунгузорӣ, шаффоф ва демократӣ ҷараён гирифт.

Аз мушоҳидаҳо дар участкаҳои интихоботии №№10, 11, 12, 13, 14, 15, 18, 19, 25-и шаҳри Ҳисор бармеомад, ки комиссияҳои интихоботӣ барои муташаккилона ҷараён гирифтани интихобот корҳои тарғиботиро хуб ба роҳ мондаанд. Чунки дар онҳо маъракаи овоздиҳӣ хеле бонизом сурат гирифт.

Аъзои комиссияҳои участкаҳои интихоботӣ онҳоеро, ки бори аввал ҳуқуқи овоздиҳӣ пайдо карда буданд, бо гулҳои тару тоза пешвоз гирифта, ба онҳо китобҳои бадеӣ аз ашъори классикони тоҷик туҳфа намуданд ва сипас ҳуқуқҳояшонро фаҳмониданд.

То соати 18-и бегоҳӣ дар участкаҳои зикршуда то 90 фоизи интихобкунандагон мавқеи худро муайян намуданд.

**М. ЗОКИР, «Садои мардум»**



# ПАРЛУМОНИ КАСБӢ

## Ҳамқадаму ҳамнафаси миллату давлат



**Қодири ҚОСИМ,**
**муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Имрӯз вақти он расидааст, ки аз Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне аз даъвати шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷагирӣ намоем. Ин марҳалаи фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба замони дигаргуниҳои куллӣ дар ҷаҳон ва кишвари азизамон рост омад.**

Ҷаҳон дар ибтидои садаи XXI, воқеан, пешгӯинашаванда гардида, ба сари фарзанди одам мушкилию печидагиҳои зиёди фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва динӣ овард, ватани иддае аз мардумони оламро ноорому истиқлолияти давлатии онҳоро осебпазир намуд. Вале моро зарур аст, ки аз ин хатарҳо ва таҳдидҳо наҳаросида, баръакс, роҳҳои табдил додани онҳоро ба имкониятҳои нав ва мусоид барои пешрафти миллат ва давлати худ пайдо намоем. Зеро замона имрӯз танҳо ба халқҳое шароити арзандаи зиндагӣ фароҳам месозад, ки қудрати илмии табдил додани бадиҳоро ба некиҳо доранд.

Имрӯз яқин аст, ки мардуми Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ин имтиҳонҳои сангину мураккаби замон сарбаландона гузашта истодааст ва оянда низ хоҳад гузашт. Мо дигар ҳуқуқи иштибоҳ кардан надорем. Зеро мардуми Тоҷикистон аз мо интизориҳои зиёд дорад ва мо дар назди наслҳои гузашта, имрӯза ва оянда масъул мебошем.

Дар давраи ҳисоботӣ давлати Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба самти рушди устувор қадамҳои ҷиддӣ гузошт. Ба шарофати сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мо заминаҳои ҳуқуқии Истиқлолияти давлатии хешро таҳким бахшидем ва барои кору зиндагии мардум шароити беҳтар фароҳам сохтем. Акнун имкон дорем, ки дастовардҳои истиқлолиятро боз ҳам афзун намоем ва кишварамонро ба сатҳи сифатан нави рушд барорем.

Маҷлиси намояндагон дар давоми даъвати шашум фаъолияти хешро бо назардошти ин таҳаввулоти таърихӣ роҳандозӣ намуд. Ва ман фикр мекунам, ки фаъолияти мо-ҷӣ аз нигоҳи қонунгузорӣ, ҷӣ намояндагӣ ва ҷӣ муносибатҳои байнипарламентӣ-ба талаботи парламенти касбӣ комилан ҷавобгӯ буд. Мо донишу таҷрибаи андӯхтаи хешро барои ташаккули қонунгузории Тоҷикистони нав равон кардем. Ба соҳаҳое бештар таваҷҷуҳ намудем, ки базаи қонунгузории онҳо куҳна шуда буд ё аслан вуҷуд надошт. Ва ҳамин тавр, мо дар бунёди таҳкурсии низоми ҳуқуқии Тоҷикистони асри бисту як саҳми шоиста гузоштем.

Дар давраи ҳисоботӣ кӯшишу дониш ва таваҷҷуҳу таҷрибаи вакилон бештар ба татбиқи авлавиятҳои стратегие, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳи даъвати шашуми Маҷлиси намояндагон ва паёмҳои ҳарсолаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштаанд, равона шуда буданд. Парламенти тоҷик дар баробари иҷрои вазифаҳои касбӣ корҳои муҳиме ҷиҳати амалишавии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ташаккули давлат ва ҷомеаи демократии Тоҷикистон анҷом дод. Бовар дорам, натиҷаҳои даъвати шашум дарояндаи наздик ва ҳамчунин, дур мавриди пажӯҳиши амиқ ва ҳаматарафаи олимону сиёсатмадорон ва коршиносону рӯзноманигорони соҳа қарор хоҳанд гирифт. Ва дар миёни далелу ҳуҷҷатҳое, ки онҳо истифода мебаранд, албатта, маҳсули заҳмати мо - қонунҳо, қарорҳо, созишномаҳо, шартномаҳо ва амсоли инҳо хоҳанд буд.

Мусаллам аст, ки ҳар як қонуни қабулшуда бо гузашти вақт заҳмати моро равшан ва пурҷило муаррифӣ менамояд. Зеро қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баъди ба воқеияти ҳаётӣ ворид шудан ва дар рӯзгори мардум таъсир расонидан арзиш ва аҳамияти бештар касб менамояд.

Бо тақозои замон қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ворид намудани тағйироту иловаҳо нахустин маротиба дар таърихи парламенти касбии тоҷик дар таҳрири нав ба табъ расонда шуданд. Онҳо шаффофияти максималӣ ва демократисозии минбаъдаи раванди интихоботро таъмин ва истифодаи пурсамарро барои шаҳрвандон муҳайё менамоянд.

Тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2016 марҳалаи нави рушди фазои ҳуқуқии кишвар буд, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон тавсеа ёфта, муқаддастарин институти сиёсӣ - Пешвои миллат мақоми конститутсионии худро соҳиб шуд. Фикр мекунам, тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ва қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзиму ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар таҳрири нав дар афкори ҷамъиятӣ таҳаввулоти амиқ ба вуҷуд оварданд ва бо арзише, ки имрӯзҳо дар рӯзгори мардумамон касб намудаанд, шубҳае нест, ба китобҳои таърихи мактабиёну донишҷӯён ворид мешаванд.



Бояд гуфт, ки, ҳамчунин, қабули қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», ки дар пайи ташаббуси навбатии Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифт ва дастёбӣ ба ду ҳадафи стратегии давлатамон: расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ дар ҳамин давра муяссар гаштанд. Илова бар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 барои аз кишвари аграриву саноатӣ ба саноативу аграрӣ табдил додани Тоҷикистонро ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишварро эълон карданд. Дар иртибот ба ин ҳадаф Маҷлиси намояндагон дар баробари қабули як силсила қонунҳои зарурӣ дар ин самт «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»-ро тасдиқ кард, ки бомаром татбиқ шуда истодааст.

Ин ҳама гувоҳи онанд, ки Маҷлиси намояндагон тайи ин муддат ҳамқадаму ҳамнафаси миллату давлати хеш буд ва дар замони дигаргуниҳои бузурги иқтисодиву сиёсӣ фаъолияти шоистае роҳандозӣ намуд.

Дар баробари вазифаи асосии хеш – баррасӣ ва қабули қонунҳо вакилон ҳамкориҳои судмандро бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мардуми кишвар анҷом доданд. Ҳамчунин, дар ҷараёни даъвати шашум вакилони Маҷлиси намояндагон ба ҳал намудани масъалаҳои мушаххасе, ки интихобкунандагон ҳангоми мулоқотҳо бо онҳо дар миён гузошта буданд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд. Гувоҳи ин гуфта садҳо дархости вакилист, ки онҳо ба мақомоти дахлдор фиристодаанд.

Мусалламан, дар пушти ин рақамҳо кори мушаххас, манфиатҳои шаҳрвандон ва давлат истодаанд, ки афзоиши эътимоди сокинони мамлакатро ба мақоми олии қонунгузор бозгӯӣ мекунанд.

Ин ҷо сафарҳои вакилонро ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат ва дидору гуфтугӯҳои мустақими онҳоро ба мардум зикр накарда наметавонам. Дар ин мулоқотҳо вакилон ба интихобкунандагони хеш нуктаҳои муҳимтарини паёмҳои солонаи Президенти Тоҷикистон, стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои давлатиро шарҳу эзоҳ доданд, ба пурсишҳои сершумори онҳо посухи мушаххас гуфтанд.

Корҳои хеле муҳиме, ки ҷиҳати таҳкими муносибатҳои дӯстона бо парламентҳои давлатҳои ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ анҷом дода шуданд, низ қобили зикр мебошанд. Мо итминон дорем, ки таҳким бахшидани робитаҳои байнипарламентӣ ба тақвияти бештари сиёсати хориҷии кишварамон мусоидат хоҳад кард.

Мутаассифона, на ҳамаи он корҳоеро, ки дар нақша доштему барои анҷом доданашон дар давоми даъвати шашум талош кардем, ба сомон расонда тавонистем. Баъзан фурсат даст надод, баъзан сабабҳои дигар ҳам буданд. Вале умед дорем, ки ҷавҳари касбият дар Маҷлиси намояндагон боқӣ мемонад, тақвият меёбад. Ва ин ҷавҳар дар даъвати оянда давомат ва масъулиятро ҷиҳати иҷрои корҳои анҷомнаёфта ва корҳои нави дигар таъмин хоҳад намуд.

25 сол муқаддам ибораи гӯшнавози «Маҷлиси Олӣ» ба афкору гуфтор ва зиндагии мо ворид гашт. 27-уми феврали соли 2000, яъне расо 25 сол пеш, нахустин интихобот ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт. Ин ду санаи муҳимро бо дили лабрези фараҳу ифтихор ба якояки шумо - вакилони кунунӣ, инчунин, ба вакилони панҷ даъвати пешин ва ҳамаи интихобкунандагони гиромиамон табрик мегӯям. Президенти мамлакатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи ҳар як даъвати Маҷлиси намояндагон ҳузури муборак доштанд ва ҳар сол дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ Паёми навбатии хешро ироа менамуданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳи иҷлосияи даъвати панҷуми Маҷлиси намояндагон ёдовар шуданд: «Ба хотири таҳкими сулҳу ваҳдат, таъмини риояи ҳуқуқи шаҳрвандон, густариши равандҳои демократӣ, таъмини рушди устувору бомароми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, инчунин, ҷиҳати мустаҳкам намудани пояҳои давлатдорӣ ва таҳияву қабули қонунҳо дар асоси ислоҳоти конститутсионӣ парламенти касбиро таъсис додем».

Мусалламан, таъсиси парламент дар ҳар як кишвар рӯйдоди бунёдии таърихӣ ба шумор меравад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад: парламент дар мамолике пурқувват аст, ки ҳам иқтидори давлат ва ҳам нуфузи ҷомеа рӯ ба афзоиш мебошанд. Ва баръакс, бе парламенти пурқувват ҷомеа шаҳрвандӣ, давлат мустаҳкам ва ҳокимият халқӣ буда наметавонанд.

Моҳиятан, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи Тоҷикистон нахустин институти ҳақиқии демократӣ гашт, парламенте шуд, ки дар он қонунҳо бори аввал ошкоро ва коршиносона эҷод, баррасӣ, таҳрир ва қабул шуданд. Маҷлиси намояндагон ба маркази ҳаёти сиёсии кишвар табдил ёфт. Солномаи парламентаризми ватанӣ бахши арзишмандтарин ва сабақомӯзи таърихи навини Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

Маҷлиси намояндагон баръало нишон дод, ки печидатарин қазияро ба чаҳорчӯби раванди муътадили сиёсӣ ворид ва ҳал кардан мумкин аст. Ва баръакс, сарпечӣ аз баррасии масоили доғ, ки ҷомеаро ба ташвиш овардаанд, метавонад оқибати ногувор дошта бошад. Тавре Пешвои миллат таъкид намуданд, мо - ворисони миллати куҳанбунёди фарҳангии ориёием, ҳар мушкилӣ ва печидагиро метавонем бо лаҳни мулоим, муколамаи солим ва эҳтироми ақидаҳо ҳал намуда, дар ҳамаи ҳолатҳои мушкил имкониятҳои нави таърихиро барои худ пайдо намоем.

Ба назари мо, бартарии бузурги Давлати Тоҷикистон дар баробари баъзе давлатҳо дар шароити буҳронии солҳои охири ҷаҳон маҳз ҳамин кори бамаслиҳати Ҳукумати кишвар бо Маҷлиси намояндагон маҳсуб мешавад. Дар Тоҷикистон Ҳукумат бо парламент шарики якдигаранд, дар байни онҳо конфронтатсияи сунъӣ, ки эродгирҳои мо мехоҳанд, вуҷуд надорад, ин ду шохаи ҳокимият мисли механизми ягона фаъолият мекунанд.

Ин ҷо ҳамаи қарорҳо, бахусус оид ба масъалаҳои калидӣ, дар асоси муколама, машварат ва баррасии вакилони Маҷлиси намояндагон бо мутахассисони вазоратҳо ва идораҳои марбута қабул мегарданд. Ба аксари лоиҳаи қонунҳое, ки Ҳукумат барои қабул ба Маҷлиси намояндагон мефиристад, дар сурати зарурат аз тарафи вакилон низ ҳамаи тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда мешаванд. Баҳсҳои корӣ зиёданд, гоҳо сифати кори вазоратҳои алоҳида мавриди муҳокимаи шадид қарор мегирад. Вале дар мубоҳиса бо Ҳукумат мо ҳамеша ҳадафи муштарак дорем, ки он бунёди Тоҷикистони пешрафта - Тоҷикистоне ҳаст, ки мутобиқ ба Конститутсияи худ бояд, воқеан ҳам, давлати иҷтимоӣ бошад, дар он барои ҳар як шаҳрванд шароити шоистаи зиндагӣ фароҳам бошад.

Ва сарфи назар аз он ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби кадом субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ омода ва барои қабул пешниҳод шуданд, онҳо иродаи интихобкунандагони моро ифода менамуданд ва масъулияти қабул карданиونҳо маҳз бар дӯши мо вогузор буд. Ва ман ифтихор дорам, ки Маҷлиси намояндагон зимни анҷом додани ин рисолат дар баландии масъулияти таърихии худ қарор дошт.

Воқеан, вакилӣ ё худ фаъолияти қонунгузорӣ таҷрибаест, ки бисёриҳо орзуи онро мекунанд. Вале дар ҷараёни кор дар парламент мо ҳама хуб дарк намудем, ки барои вакили ҳақиқии мардумӣ шудан пирӯзӣ дар интихобот кам будааст. Бояд вижагиҳои сершумори фаъолияти парламентиро пурра омӯзӣ ва ҳамарӯза тамоми талаботи кори пурмасъулияти вакилиро риоя намоӣ. Аксари мо бори нахуст натанҳо вижагиҳои кори ниҳоят мураккаби қонунгузорӣ, балки ҳунари нозуки сухангӯӣ ва баҳси нозуки парламентиро аз бар кардем. Чунин таҷриба, тавре медонем, якбора ва ба осонӣ андӯхта намешавад, вале он барои рушди минбаъдаи ҷомеа ва давлати мо ниҳоят зарур аст. Шояд аз ин рӯст, ки теъдоди зиёде аз вакилони мо такроран вориди интихобот мешаванд ва сарбаландона ба ин толори барои мо азиз бармегарданд.

Дар иртибот, ба он вакилони даъвати кунунӣ, ки таҷрибаи пурарзиши тӯли солҳо андӯхтаи хешро дигарбора ва бедареғ дар хидмати парламенти тоҷик қарор додан мехоҳанд, самимона барор мехоҳам.

Боз ҳам таъкид мекунам: дар ин марҳила аз ҳама муҳимтар на ҳизбҳоянд ва на номзадҳо, муҳимтар аз ҳама интихобкунандагон, шаҳрвандони давлатамон мебошанд. Ҳамин интихобкунандагонанд, ки ба номзадҳои шоиста ваколат медиҳанд, то мушкилоти мубрами мардумро осон кунанд, то мамлакатамон аз ҳар ҷиҳат соҳибистиқлол гардад, то зиндагиву кор дар Тоҷикистон роҳату бехатар шаванд.

Ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои алоҳида бояд дар назди Тоҷикистони азиз камоли масъулият эҳсос намоянд. Ва дастоварди асосии интихобот бояд боварии интихобкунандагон ба натиҷаи он бошад.

Ин ҳама солҳо, яъне ин панҷ сол, ки, бешубҳа, давраи беҳтарин дар корномаи касбиям маҳсуб мешаванд, ман ҳар рӯз эътимоду дастгириҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва вакилони Маҷлиси намояндагонро амиқ эҳсос мекардам ва гиромӣ медоштам. Барои эътимод ва дастгириҳои бузург, ки нисбати ман зоҳир шуданд, ба Пешвои муаззами миллат сидқан миннатдорӣ баён мекунам.

Ба ҳамкасбони арҷмандам низ барои заҳмати пурсамару фидокорона дар давраи ҳисоботӣ, барои эҳтиром ба анъанаҳои неки парламентӣ ва барои омодагӣ ҷиҳати идомаи хизмат ба хотири пешрафти давлату миллат изҳори сипос менамоям.

Фикр мекунам, яке аз ҷиҳатҳои ба худ хоси даъвати шашум ин буд, ки мо - вакилон тавонистем якдигарро бишнавем, ба андешаҳои якдигар эҳтиром гузорем ва мубоҳисаи касбиву коршиносонаро ба анъана табдил диҳем.

Ҳоло фурсатест, ки барои татбиқи чунин гузариши мушкил, вале дар айни замон хеле зарур, ба самти касбияти воқеӣ изҳори таҳсину сипос намоям. Умед дорам, фаъолияти муттафиқонаи мо дар ҳамаи шаклу навъҳо, бидуни шубҳа, ба тақвияти демократияи намояндагии тоҷик мусоидат хоҳад намуд. Зеро мо дар қабули қарору қонунҳо ҳамеша таносуби дурусти адолатро дар мизони манфиати давлати миллии хеш, халқи Тоҷикистон ваояндаи давлатдориамон ба ҳадди эътидол риоя намудем. Ва ин нуктаи муҳими дарёфти адолат кори на ҳар фарди алоҳида, балки натиҷаи маҳсули ҳамдигарфаҳмии парламенти касбӣ буд, ки маро аз натиҷаи худ дар тамоми рӯзгориояндаам қаноатманд медорад.

Ва якчанд ҷумлаи комилан самимӣ унвонии кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон гуфтаниям, ки ин ҳама солҳо ҳамроҳи мо – вакилон буданд. Имрӯз ин дастгоҳ бо роҳбарии Абдуҷаббор Сатторзода як мақоми давлатии дорои сохтори муназзам ва касбӣ мебошад, ки тамоми тақозои парламентро - ҳам дар қонунгузорӣ ва ҳам дар иқдомҳои дигари мо таъмин менамояд. Барои барпо кардани садҳо мулоқоти расмӣ, чорабинии кумитаву комиссияҳо, муҳокимаҳо ва хонишҳои парламентӣ, мизҳои гирд, семинарҳо, конфронсҳо ва монанди инҳо шароити мусоид фароҳам овардааст. Ин муҳити солими эҷодӣ ва ин шароити хуби корӣ, ки мо ба онҳо одат кардаем ва як чизи ҳатмӣ мепиндорем, низ маҳсули заҳмати кормандони дастгоҳ мебошанд.

Аз шумо – кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои заҳматҳои шабонарӯзӣ як ҷаҳон сипос!

Дар урфият мегӯянд, ки ҳар кор оғозу анҷом дорад, ин ҳақиқати бебаҳс аст. Вале инсон, бо вуҷуди ин ҳама, ба оғозу фарҷомҳо муносибати яксон надорад. Ин лаҳза дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии банда як нуктаи анҷоми фаъолияти даврӣ маҳсуб мегардад. Рӯзҳо, моҳҳо ва солҳо мегузаранд, табиат борҳо зиндаю пажмурда мегардад, парламент ва ҳайати вакилон низ бо мурури замон тағйир меёбанд, вале мусаллам аст, ки ин рӯзгори фаъолияти якҷояи мо ҳамчун як саҳифаи дурахшони қонунгузории давлатамон бо қонунҳои мондагори худ дар ёди аҳли назар боқӣ хоҳад монд.





Парламенти касбӣ тавассути шумо ба макони, воқеан, муқаддасе табдил ёфт, ки ҳамаи хоҳишу армонҳои фардӣ ва манфиатҳои гурӯҳӣ берун аз дари ӯ монда, ғояи ҳукмрон ва муттаҳидкунанда танҳо манфиати халқ ва ободии давлати Тоҷикистон буд.

Умед дорам, шумо аз ин ба баъд ҳам дар амалӣ шудани орзуҳои мардуми кишвар бо таҳаммул, иродаи қавӣ ва ҳадафмандона рафтор хоҳед кард.

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 427412 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Маводҳои безараргардонӣ | Озмуни кушод | Мол | 4 | 19.03.2025 09:50:00 |
| 2 | 427411 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» | Харидорӣ намудани мазути намуди М-100 барои эҳтиёҷоти Филиали «Маркази барқу гармидиҳии 1»-и шаҳри Душанбеи ҶСК «Барқи Тоҷик» | Озмуни кушод | Мол | 1 | 19.03.2025 10:36:58 |
| 3 | 427414 | Муассисаи давлатии «Рекламаи берунӣ ва ороиши шаҳри Душанбе» | Коркард ва иҷрои эскизи стелла дар намои гули Наврӯз | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 19.03.2025 11:10:00 |
| 4 | 427413 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиёҷоти автомашина | Озмуни кушод | Мол | 44 | 19.03.2025 11:15:00 |
| 5 | 427415 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Телевизор | Озмуни кушод | Мол | 1 | 19.03.2025 11:15:15 |
| 6 | 427416 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Тухми гулҳои мавсимӣ, нуриҳои минералӣ, хоки тоза, ангишт, доруҳои зиддипаразитӣ ва зидди занбӯрӯғ ва дигар маводҳои гуногуни ободонӣ барои эҳтиёҷоти маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон | Озмуни кушод | Мол | 24 | 19.03.2025 11:15:15 |
| 7 | 427419 | Муассисаи таҳсилоти умумии «Литсей - интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Моноблокҳо, проектор, ноутбук ва кондитсионер | Озмуни кушод | Мол | 4 | 19.03.2025 11:30:00 |
| 8 | 427420 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Таъмири ҷорӣ ва азнавсозии айвончаҳо ва ҳавзҳои шиноварӣ дар МД «Ширхоргоҳ-кӯдакистонҳо»-и №124,126,131,129-и ноҳияи Фирдавсӣ, №64-и ноҳияи Шоҳмансур ва №3-и ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 19.03.2025 11:50:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2-юми апрели соли 2025 музоядаи № 13-ро оид ба фурӯш ё ба иҷора супоридани амволҳои ҶСК «Фононбонк» ва ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк», ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

| т/р | Номгӯй | Суроға | Масоҳати бино (м²) | Қитъаи замин (м²) | Арзиш (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бинои филиали бонк ҶСП «Тоҷпромбонк» | н. Кӯҳистони Мастчоҳ, ҷамоати деҳоти Ивантоҷик, деҳаи Оббурун | 126,06 | 267,0 | 500 000,0 |
| 2 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, кӯчаи М. Мӯсоев, хонаи №11 | 863,0 | --- | 604115 |
| 3 | Манзили истиқоматӣ | ш.Истаравшан, кӯчаи Бобобарот, х. №13 | 46,4 | --- | 235924 |
| 4 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, ҷ/д Қалъачаи калон, деҳаи Сурхӣ | 110,90 | --- | 232755 |
| 5 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, кӯчаи Чкалов, хонаи №13 | 49,45 | --- | 186430 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизотҳо аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи ду лот, ки аз тарафи шарики рушд - Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Аморати Муттаҳидаи Араб дастгирӣ меёбанд, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:**

**Лоиҳаи «Рамазон 2025»**

<u>Лот 1:</u> Таъмини маводҳои ғайрихӯрока (сарулибос);

<u>Лот 2:</u> Таъмини маводҳои хӯрока.

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин, мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон (дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ) лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём 120, бо унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳоеро, ки нархҳои пешниҳодшуда нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

**Мӯҳлати охири пешниҳоди ҳуҷҷатҳо***: то 10 марти соли 2025, соати 9⁰⁰ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.*

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2-юми апрели соли 2025 музоядаи № 53-ро оид ба фурӯши амволҳое, ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

**1. Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Хуҷанд, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Фирдавсӣ 118. Масоҳати умумии қитъаи замин - 0,11 га. Масоҳати умумии бино ва иншоот - 1370,7 м². Нархи ибтидоӣ - 5473035 сомонӣ.**

**2. Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Мастчоҳ, воқеъ дар ноҳияи Мастчоҳ, шаҳраки Бӯстон. Масоҳати умумии қитъаи замин - 0,05 га. Масоҳати умумии бино ва иншоот - 557 м². Нархи ибтидоӣ - 3926031 сомонӣ.**

**3. Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Айнӣ, воқеъ дар ноҳияи Айнӣ, деҳаи Айнӣ, кӯч Ленин 2. Масоҳати умумии қитъаи замин - 0,16 га. Масоҳати умумии бино ва иншоот - 512,7 м². Нархи ибтидоӣ – 1678529 сомонӣ.**

**4. Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Конибодом, воқеъ дар шаҳри Конибодом, кӯчаи Ленин 129. Масоҳати умумии қитъаи замин - 0,16 га. Масоҳати умумии бино ва иншоот - 871,2 м². Нархи ибтидоӣ - 3204302 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ДИҚҚАТ, МУЗОЯДА!

## Намояндагии Ширкати «Сангтӯда-Сангоб» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи нақлиёти зеринро ба музояда мебарорад:

| № | Номгӯи нақлиёт | Соли барориш | Макони боздиди нақлиёт |
|---|---|---|---|
| 1 | Хундай - туксан | 2011 | в. Хатлон, н. Данғара, НБО «Сангтӯда-2» |
| 2 | Саманд | 2006 | |
| 3 | Тойёта - прадо | 2006 | ш. Душанбе, Маркази тиҷоратии «Бохтар», табақаи 8, утоқи 805 |
| 4 | Хонда CRV | 2012 | |
| 5 | Мерседес-бенс | 2011 | |

Иштирокчӣ бояд маълумоти худро бо нархи пешниҳодӣ дар лифофаи пӯшида дастраси ширкат намояд.

**Санаи кушодани лифофа:** 5-уми марти соли 2025.

**Санаи хабардоркунии иштирокчӣ:** 6-уми марти соли 2025.

Барои маълумоти муфассал вобаста ба нақлиёти дар шаҳри Душанбе қарордошта ба телефонҳои **223-02-79** ва **111-97-79-97** (Давлатшоев Саидшо) тамос гиред.

Барои маълумоти муфассал вобаста ба нақлиёти дар вилояти Хатлон қарордошта ба телефонҳои **988-65-95-25** ва **940-48-90-90** (Муродов Фарҳод) тамос гиред.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2020 ба Нажмиддинова Мафтуна Абдуғафоровна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандии силисилаи А04797821, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 1 марти соли 2023 ба Туева Нигора Хуршедовна додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи сеюми кӯчаи Х. Мирзоев, хонаи №32, ба Файзиев Камол Абду-вадутович додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи силсилаи З№532932, ки онро Омӯзишгоҳи касбию техникии рақами 17-и ноҳияи Москва (ҳоло Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) 20 августи соли 1984, ба Зарипов Шералӣ Файзович додааст, эътибор надорад.

✓Иқтибоси гумшуда аз феҳрасти ягонаи давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфироди (РЯМ 1230022026), ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 23 апрели соли 2010, ба Мавлонов Саидбурҳон Валиевич додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи №75 оид ба саҳмгузорӣ барои сохтмони хонаи истиқоматии баландошёна, ки 17 майи соли 2021 байни ҶДММ «Иқбол 2006» ва Сафаров Джамшед Маҳмадраҳимович бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур, бинои 73, блоки В-3/1, ошёнаи 14, бо масоҳати умумии 75 м² баста шудааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи №76 оид ба саҳмгузорӣ барои сохтмони хонаи истиқоматии баландошёна, ки 17 майи соли 2021 байни ҶДММ «Иқбол 2006» ва Сафаров Джамшед Маҳмадраҳимович бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур, бинои 73, блоки В-3/1, ошёнаи 15, бо масоҳати умумии 75 м² баста шудааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи №83/2 оид ба ҳиссагузорӣ барои сохтмони хонаи истиқоматии баландошёна, ки 24 майи соли 2022 байни ҶДММ «Иқбол 2006» ва Сафаров Джамшед Маҳмадраҳимович бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур, бинои 73, блоки Б-2, ошёнаи 15, бо масоҳати умумии 113,45 м² баста шудааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандии силсилаи А00121811, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 3 марти соли 2015 ба Муҳтоҷов Шабистари Идибоевич додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» Корхонаи фаръии байниноҳиявии бақайдгирии техникӣ дар шаҳри Душанбе 14 январи соли 2009 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ 307, ба Мирзоалиев Саймирзо Мирзоалиевич додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ»-и дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Шамсӣ, бинои 2, ҳуҷраи №34, ба Муродов Ибрагим додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТУ №0500938, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №78-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2012, ба Ҳакимова Малоҳат Ҷамшедовна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «АФК» (РЯМ 0110024375, РМА 010100329), ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 23 январи соли 2019 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.
ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 3 марти соли 2025, соати 13:15 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34620 нусха*

Навбатдори шумора Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97